# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна «Нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.**

Воқеан, солҳои 70-90 дар таърихи инкишофи адабиёти тоҷик, аз ҷумла нақду адабиётшиносии он марҳилаи муҳим буд. Ҷунбишҳои адабие, ки дар он солҳо зуҳур намуда буд, бешубҳа нақши худро дар рушди худшиносии нақди адабӣ гузошт. Зуҳури баҳсҳои пурдоманаи адабӣ ва илмӣ дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» нашри пайвастаи мақолаҳои назарию танқидӣ, тақризҳои таҳлилӣ ва эссею мусоҳибаҳои ҷолиб нақди адабии тоҷикро хеле ба ҷунбиш овард.

Ҳақиқатан, дар он солҳо дар маҷаллаи «Садои Шарқ» маводи зиёди танқидӣ ва адабиётшиносӣ ба нашр расида буд, ки имрӯз зарурати таҳқиқ ва бознигории онҳо пеш омадааст. Дар ин масир рисолаи номзадии Қодирова Дилнозаро метавон гоми муҳим ва шоиста ҳисобид, зеро муҳаққиқи ҷавон бо камоли ҷуръат ва ҳавсалаи хоси пажӯҳишӣ дар рисолааш муҳимтарин проблемаҳои нақди ҳамон солҳоро баррасӣ намуда, қонуниятҳои инкишофи нақду адабиётшиносиро дар ин давра зикр менамояд. Вай нақши фазои сиёсии замонро дар инкишофи нақди адабӣ қайд намуда, ҷиҳатҳои мусбату манфии онро тавзеҳ медиҳад.

Дар рисола ба нақди назм ва наср ба таври алоҳида таваҷҷуҳ мешавад, ки он андешаи таҳқиқии муаллифро дар рисолаи илмӣ бо низом бозтоб сохтааст. Истифодаи усулҳои таърихиву қиёсӣ ва татбиқию омории пажӯҳиши илмӣ имкон додаст, ки муаллиф зимни баррасии тамоилҳои асосии нақди солҳои 70-90 садаи XX ба хулосаҳои дуруст ва қобили мулоҳиза расад. Вай дуруст таъкид менамояд, ки бо вуҷуди мушкилию монеаҳои мавҷуда нақди адабӣ дар он солҳо хеле рушд намуд, ба шохаҳои мустақили нақди шеър, нақди наср, нақди тарҷума, нақди нақд ва ғайра ҷудо шуд. Дар бобу фаслҳои алоҳида муаллиф мекӯшад, ки умдатарин хасоиси шохаҳои мазкури нақди адабиро нишон диҳад.

Фазилати дигари муҳими илмии рисолаи мазкур дар он аст, ки муаллиф дар боби якуми он масъалаҳои назарӣ ва тамоюлҳои асосии нақди ҳамон солҳоро баррасӣ намуда, моҳияти сиёсати адабии замонро мекушояд. Дар ҳамин бахши рисола инчунин жанрҳои муҳими нақди давраи мавриди назар, хусусияти таҳлили онҳо бар мабнои воқеиятҳои адабии замон баррасӣ мегардад. Муаллиф дар заминаи баррасии мақолаҳои танқидию адабиётшиносии Р.Амонов, М.Шукуров,

С.Табаров, А. Сайфуллоев, А.Сатторзода, Ҷ.Бақозода ва дигарон таъкид менамоянд, ки дар он солҳо сатҳу савияи мақолаҳои танқидии мунаққидони тоҷик хеле баланд буд. Ин ақидаи муҳаққиқи ҷавон боз аз он ҷиҳат қобили андеша аст, ки воқеан дар солҳои 80 садаи XX як силсила мақолаву тақризҳои муаллифони тоҷик дар матбуоти умумииттифоқӣ низ ба нашр расида буд. Устодон М. Шукурӣ, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Р. Ҳодизода ва дигаронро дар муҳокимаҳо ва мизҳои мудавваре, ки Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва маҷаллаҳои адабии умумииттифоқӣ ташкил менамуданд, даъват мекарданд ва матни гузоришу маърӯзаҳои онҳоро дар сатҳи кишвар ба нашр мерасониданд.

Дар рисолаи Д.Қодирова масъалаҳои муҳими нақди шеър дар бобу фаслҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Муҳаққиқ зимни таҳлили мақолаҳои Ю. Бобоев «Гуфтор аз ашъори тозаи шоир», Ш. Ҳусейнзода «Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик», М. Шукуров «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он», А. Сайфуллоев «Шеър нидои зиндагист» ва ғайра таъкид менамояд, ки дар он солҳо нақди адабӣ аз ҷиҳати методологӣ ва назарӣ тадриҷан қавӣ мегардид, масъалаҳои муҳими инкишофи адабиётро ба муҳокима мекашид ва ба инкишофи маҷрои адабиёт таъсири муассир дошт. Ба ибораи дигар нақди адабӣ ҳамчун ҷузъи муҳими адабиёту фарҳанг ва афкори илмию адабӣ дар ҷомеа мавқеи худро мустаҳкам менамуд.

Масоили марбути нақди наср, равишҳо ва тамоилҳои он дар боби сеюми рисолаи Д.Қодирова ба таҳқиқ омада аст. Бояд гуфт, ки нақди наср нисбат ба нақди шеър тафовутҳое дорад, ки аксари онҳо ба сиёсати адабии замон иртибот мегирад. Чунки насри муосири тоҷикӣ асосан насри вуқуъгаро буда, мазмуну моҳияти он ба ҳаёти воқеии ҷомеаи шӯравӣ иртиботи бевосита дошт. Нақди адабӣ типҳои қаҳрамони насри он солҳоро муайян намуда, ходимони сиёсӣ, давлатӣ, роҳбарони ҳизбӣ, шахсиятҳои маъруфи таърихӣ ва фарҳангиро муаррифӣ менамуд. Ба қавли муаллифи рисола маҳаки асосӣ дар тасвири қаҳрамони адабиёт фаъолиятҳо ва ташаббусҳои иҷтимоии инсон буд, ки он бо номи «инсони фаъоли шӯравӣ» ёд мешуд.

Дар маҷмӯъ рисолаи Д.Қодирова манзараи умумии инкишофи нақди адабии тоҷикро дар солҳои 70-90 садаи XX ба пуррагӣ равшан месозад. Хулоса ва натиҷагириҳои муаллиф асосан илмӣ ва қобили мулоҳиза ҳастанд. Аммо бо вуҷуди ин дар фишурдаи рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасад.

1. Дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муаллиф мақолаҳои зиёдеро, ки ба нақди нақд алоқамананд меорад, вале ҳадафи зикри онҳоро нишон намедиҳад.

2. Ҳам дар боби дуюм ва ҳам дар боби сеюми фишурдаи рисола ба ҷанбаҳои илмӣ ва ҳунарии нақди адабӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, арзиши пажӯҳиши мазкурро кам намесозад. Рисолаи Д.Қодирова пажӯҳиши комил ва анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири шуъбаи дастхатҳои**
**Шарқ ва китобҳои нодири**
**Китобхонаи миллии Тоҷикистон** Додихудоев Раҷабалӣ

**Суроғаи электронӣ:**
**bestmuslim@mail.ru**
**Тел. 918264456**

**Имзои Р. Додихудоевро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон** Каримов Мирзо

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН» ШУЪБАИ КАДРҲО